**АХБОРИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ ИЛМҲОИ ҶАМЪИЯТШИНОСӢ №3, 2015**

**ИЗВЕСТИЯ АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**
**ОТДЕЛЕНИЕ ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК №3, 2015**

УДК: 891.58+1 (Афғонистон)

**ҚОДИРОВ Ғ.**[1]

# АЗ ТАЪРИХИ ИСТИЛОҲОТИ «АФҒОН» ВА «АФҒОНИСТОН»

Тоҷикон дар тӯли таърихи куҳансоли начандон ҳамвору созгори хеш бо қавму қабилаҳои гуногун, аз ҷумла афғонҳо ҳамсоя ва дар паҳлӯи ҳам зиндагӣ карда ва бо онҳо робита ва доду гирифти васеи фарҳангӣ доштааст. Дар ин фархундарӯзгор, ки Тоҷикистон ба сӯи истиқлоли фарҳангӣ равон аст, шинохти ҳамсоягон барои тоҷикон аҳамияти вижа касб кардааст. Зеро аз мутолиа ва баррасии таърихи онҳо дар хоҳем ёфт, ки тоҷикон дар минтақа чи нақши фарҳангие бозӣ кардаанд.

**Калидвожаҳо:** таърих, истилоҳ, афғон, Афғонистон, Хуросон, решаҳои таърихӣ, забоншиносӣ.

Пеш аз муаррифӣ ва оғози шарҳу тавзеҳи мавзӯе, ки дар унвони мақола мавриди баҳс эълон шудааст, хотирнишон бояд кард, ки таҳқиқи ин ду истилоҳ дар доираҳои илмии Афғонистон ва мактабу марказҳои шарқшиносии ҷаҳон масъалаи наву ноошно нест. Дар бораи ин луғот илова бар ахбори сарчашмаҳои таърихӣ -адабии гузашта, донишмандони Афғонистон ва муҳаққиқони Ғарб корҳои хурду бузурги қобили қадр бисёр навиштаанд. Аммо ин осори пароканда дар китобу маҷаллоти давраҳои мухталиф ва ба забонҳои гуногуни дунё, имрӯз камёб ва бештар дар «инҳисори» мутахассисон қарор дошта, дар доираҳои фарҳангии кишвари мо камтар машҳуранд.

Донишмандони тоҷик ҳам дар заминаҳои таърих ва фарҳангу адабиёти Афғонистон корҳои шоистаи эҳтироме навиштаанд. Аммо то ҷое, ки муаллифи ин сатрҳо огаҳӣ дорад, дар ин осор истилоҳоти «афғон» ва «Афғонистон» аз нигоҳи таърихӣ -забоншиносӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Вазифаи ин мақола, албатта, таҳлилу таҳқиқи ин ҳама осор, ҳаллу фасли мавзӯъ ва пешниҳоди хулосаи тайёри илмӣ нест. Ҳадаф аз он чи арз шуд содатар буда, ба суолоти зерин посух меҷӯяд: Истилоҳи «афғон» ва зикри афғонон дар сарчашмаҳои таърихӣ ва адабии гузашта; шарҳу тафсири калимаи «афғон» аз назари грамматикаи таърихӣ; фарзияҳо ва баҳсҳои тамому нотамом дар атрофи ин луғат; истилоҳи «Афғонистон» – зуҳур ва таърихи корбурди сиёсии он ба маънои имрӯзӣ ва дар маҷмӯъ кӯшишест барои ошноии бештар ва шинохти беҳтари хонандагони тоҷик бо ному насаби миллати наҷиби афғон ва оғози таърихи нави ҷавонтарин давлати сарзамини Хуросони куҳан – Афғонистони муосир.

Манобеъ ва маъхазҳое, ки дар онҳо ба ин ё он муносибат дар бораи вожаҳои «афғон» ва «Афғонистон» сухан рафтааст, иборат аз чанд қисманд: ахбори ҷаҳонгардони қарнҳои аввали мелодӣ; осори таърихӣ ва ҷуғрофиёии асрҳои миёна, ки ба забони арабӣ навишта шудаанд; мероси таърихӣ ва адабии забони форсии дарӣ, таълифоти муҳаққиқони Ғарб ва осори таърихию фарҳангии донишмандони муосири Афғонистон.

Аз рӯи иттилооти сарчашмаҳои таърихӣ -адабии қадимӣ ва осори донишмандони муосир, ки мутолиаи онҳо муяссар гардид, куҳнатарин манбае, ки пажуҳишгарон афғонон ва номи онҳоро ба сурати «авагана» (Avagana) пайдо кардаанд, ба ақидаи муҳаққиқи асри XIX англис О.Короу, матни ҳиндиест ба номи «Самҳита Бриҳат», ки дар

[1] **Адрес для корреспонденции:** Кадыров Гиёсиддин, канд.фил.наук. Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия АНРТ, г.Душанбе, ул.М.Турсунзаде, 93, кв 11 тел: 934114028

осори IV мелодӣ таълиф шудааст [1, 54]. Муаллифи он мунаҷҷими маъруфи ҳиндӣ Варҳа Миҳира (VarhaMihira) зоҳиран аввалин муаллифи қадимиест, ки луғати афғонро ба маънои қавм ва қабила ба кор бурдааст. Каме дертар, дар ҳамин аср ҷаҳонгарди машҳури чинӣ Сюан-Тзан аз қабилае ба номи Пукин (A-po-kin), ки дар кӯҳҳои Сулаймон сукунат доштанд, ёд мекунад. Аз ин давра пештар ахбору санаде вуҷуд надорад ва ё муҳаққиқон то ҳол ба даст наовардаанд. Аз асрҳои XVIII ба ин тараф ин ду истилоҳ дар осори мактуб бисёр ёд шудааст. Донишманди дақиқкору густурданазари Афғонистон Абдулаҳмади Ҷовид дар мақолаи хеш «Афғон ва Афғонистон» [2, 32] зиёда аз чиҳил асарро ба забонҳои гуногун ва мансуб ба давраҳои мухталиф номбар кардааст, ки дар онҳо муаллифони гузашта дар бораи қавми афғон ва номи он, макони зист, мансубияти нажодӣ, шаклу сурат ва амсоли он маълумот додаанд. Баъзе онҳоро барои мисол дар поён нақл мекунем:

Ба ақидаи муаллифи мақола қадимтарин маъхази адабие, ки дар он номи «афғон» зикр шудааст, «Таърихи Яминӣ» мебошад. Нависандаи он Абунаср Муҳаммад бинни Абдуҷаббори Утбӣ асари худро, ба ақидаи муҳаққиқон, баъди соли 1021 ба забони арабӣ навиштааст. Соли 1205-06  Абушарифи Носеҳ онро бисёр дақиқ ба форсӣ тарҷума карда[3, 68] ва Мининӣ сипас шарҳе бар ин китоб навиштааст [2, 27].

Дар ҷое муаллиф дар бораи афғонон навиштае дорад, ки чунин тарҷума шудааст: «Ҷамоати афғониён ва халач (номи тоифае аз туркон Ғ.Қ.), ки саҳронишини он буқъ (қитъаи замин) буданд, дар ҷумлаи ҳашамати Носираддинӣ мунҳасир шуданд».

Муосири Утбӣ Абурайҳони Берунӣ шарҳе дар мавриди афғонон дар китоби худ «Фӣ таҳқиқ…» овардааст, ки онро аз арабӣ чунин тарҷума кардаанд: «Дар кӯҳҳои ғарби Ҳинд бархе аз тавоифи афғон ҳастанд, ки то муҷовироти дарраҳои руди Синд саканӣ доранд». Зимнан хотрнишон бояд кард, ки баъзе муаллифони аврупоӣ афғонҳоро аз даврони салтанати Сабуктегин ба баъд мешиносанд ва ҳамзамон муътақиданд, ки муаррихони шарқӣ низ онҳоро танҳо аз замони Султон Абусаъид (аз нажоди Чингизхон) ба номи афғон ёд мекунанд [4, 18-19].

Таърихнигори маъруф Абулфазли Байҳақӣ (ваф. 1077-78) дар таърихи машҳури худ дар бораи афғонҳо маълумоти бисёр навиштааст, аз ҷумла дар ҷое менависад: «Масъуди Ғазнавӣ (1160) Эзидёрро, ки аз бузургони дарбораш буд, барои фурӯ нишондани иғтишошоти афғонҳо ба кӯҳистони Ғазнӣ фиристод».

Аз осори ҷуғрофиёӣ нахустин китобе, ки исми «афғон» дар он ба кор рафтааст, зоҳиран «Ҳудуд ул-олам…» (тах. соли 995) асари муаллифи гумном аст. Масалан дар таърифи Бинҳор чунин менависад: «Бинҳор ҷоест подшоҳи он мусулмонӣ намояд ва зан бисёр дорад аз мусулмонон ва афғонон ва аз ҳиндувон беш аз сӣ …» [5, 47].

Сайёҳи маъруфи араб Ибни Батута дар китоби худ «Реҳлат…» борҳо номи афғонро ба кор бурдааст. Дар ҷое навиштае дорад, ки тарҷумаи онро аз арабӣ устод Ҷовид чунин овардааст: «Шоҳи афғон ба султони сарзамини Мултон аз тавобеи билоди Синд мухолиф буд ва амири он ҷоро, ки номаш Беҳзод буд ба қатл расонид ва худ муддаии салтанат шуд. Султон худро барои қатли ӯ омода сохт. Чун донист, ки дар баробари ӯ муқовимат наметавонад, фирор ихтиёр кард ва ба қавми худ, ки афғонон ва сокинони кӯҳҳо буд, пайваст…».

Дар аснод ва китобҳои таърихии асрҳои миёна, монанди асари Минҳоҷ ул-Сироҷ «Табақоти Носирӣ», «Таърихи Фирӯзшоҳӣ» навиштаи Зиёуддини Баранӣ «Таърихномаи Ҳирот»-и Сайф бини Муҳаммад бини Яқуб ал-Ҳиравӣ, «Тузук»-и Бобур ва дигарон луғати «афғон, афғонӣ, афғониён» ва гоҳе ҳам «авғон» фаровон истифода шудааст.

Бо рӯи кор омадани Ҳутакиҳо ва салтанати кутоҳмуддати онҳо дар Эрон (а. XVIII) ва силсилаи мухталифи афғонӣ дар Ҳинд ин ном дар аснод ва адабиёти таърихӣ ва ҷуғрофиёии ин давра, аз ҷумла «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ, «Ҳадиқат ул-ақолим»-и Белгромӣ, «Таърихи Алфӣ», «Таърихи Фаришта» ва амсоли он ёд шудааст.

Дар шеър нахустин ҷое, ки пажӯҳишгарон калимаи «афғон»-ро пайдо карданд, осори шоирони аҳди Ғазнавиён – Фаррухӣ, Саъди Салмон, Унсурӣ ва Абулфараҷи Рунӣ

мебошад. Пештар аз ин дар шеър луғати мазкур дида нашудааст. Масалан Масъуди Саъд вожаи «афғон»-ро чунин ба кор бурдааст:

Аз лашкари турку ҳинду афғон,
Бар бора ҳазор шеъри нар карда.

Ё:

Шикаста гашт ба теғи ту лашкари куфор,
Хароб шуд ба сипоҳи ту кишвари афғон.

Шарқшиносони Ғарб ва муҳаққиқони муосири таърих ва адабиёти Афғонистон бар иттилооти мавҷуда андеша ва эҳтимолоти тоза афзуданд. Аз ҷумла баъзе донишмандон ҷои пои калимаи «афғон»-ро дар осори моддӣ ва фарҳангии пеш аз ислом ҷуста, тавре ки мехонем исмҳои хосеро, ки дар асрҳои III-IV мелодӣ ва ё дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба кор рафтааст, пешинаи калимаи «афғон» мешуморанд. Масалан шарқшиноси ғарбӣ Спринлинг барои исботи ақидаи худ чунин далел меоварад:

Дар яке аз катибаҳои Нақши Рустами Шероз дар ҷумлаи ҳашаму дарбориёни Шопури аввали Сосонӣ (ваф. 273 мелодӣ) номе ё лақабе ба шакли (дар навишти форсӣ)وینده فون بگان رزمه зикр шуда, ки Сприлинг вожаи «апагон»-и ин матнро бо вожаи «афғон»-и муосир яке дониста ва калимаи «пагон»-ро, ки лақаб ё номи Шопури севум (асри IV мелодӣ) аст, аз ҳамин реша пиндоштааст [1, 29]. Дертар донишманди шаҳири афғон Абдулҳай Ҳабибӣ номвожаи «Овгон»-ро, ки чанд бор дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ омадааст, бо лафзи «афғон» муртабит дониста, байтҳои зеринро аз он асар шоҳид меоварад:

Ҳама гирди айвон дурӯя сипоҳ,
Ба заррин амуду ба заррин кулоҳ.
Сипаҳдор чун Қорани Говгон,
Ба пеши сипаҳ андарун Овгон.

Муҳаққиқони ҳиндӣ ақида доранд, ки калимаи «афғон» ба шакли «Апага» аз қадим вуҷуд доштааст [6, 15]. Таърихнигори маъруф Ғубор калимаи «апокон»-и ҳамин катибаро бо истилоҳи «апакон»-и Ригведои ҳиндӣ як мешуморад [7, 309]. Шояд манбаъ ва далели устод Ҳабибӣ дар ин гуфта ибораи «GoundiferAvganRismoud»-и ҳамон Нақши Рустам бошад.Аммо, чунон ки маълум мешавад дар Луғатномаҳои «Шоҳнома» вожаи «Апакон»-и катибаи овардаи Спринлинг ҳамчун лақаб, ё исми Шопури аввали Сосонӣ (а. IV мелодӣ) ва калимаи «Овгон» номи яке аз паҳлавонони аҳди Фаридун зикр шудаанд. Муҳаққиқи донишманди «Шоҳнома» устод Ҷовид ин фарзияро ва дигар эҳтимолоти мавҷудияти луғати «афғон»-ро дар асари Фирдавсӣ рад карда, чунин мегӯяд: «Бархилофи он чи навиштаанд дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ лафзи «афғон» ва «авғон» нест ва танҳо калимаи «афғон» ба маънои нола ва фиғон ба кор рафта, на ба маънои қавм ва мардум» [2, 27].

Як маъхаз ва ё маълумоти дигаре низ дар боби таърихи ин луғат пайдо шудааст, ки шояд сабаби сӯитафоҳум бо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ гардида бошад. Ин манбаъ достони мустақилест, дар бораи корнамоии яке паҳлавонони аҳди қадим ба номи Авғон, ки дар мулҳақоти «Шоҳнома»-и чопи Бомбей (1897) сабт шудааст.

Бинобар ин иттилоот шоири гумноме, ки зоҳиран дар асри VI ҳ. зистааст, қисмате ва ё шояд ҳама достонҳои бозмондаи Рустамро ба риштаи назм даровардааст. Аз рӯи навиштаи муаллифи ин достон дар наздикиҳои Зобул, ба се рӯза роҳ кӯҳи баланде буда, ки дар қалъаи устувори болои он қавми бисёре аз афғон, лочин ва балуч мезистанд. Дар миёни онҳо паҳлавоне буда, аз қавми «авғон», ки шоири гумном дар достонҳои Рустами худ дар бораи ном ва таърифи ӯ чунин менависад:

Ба диж дар яке паҳлавон ҷой дошт,
Ки дар разм бо аждаҳо пой дошт.
Нажодаш зи авғон, сипоҳаш ҳазор,
Ҳама новакандозу жубингузор.
Ду ронаш ҳамонандаи рони пил,
Гаҳи разм ҷӯшонтар аз руди Нил…

Ин маълумот ба назари мо аз ду ҷиҳат муҳим аст: аввалан нишон медиҳад, ки ин достон мисли дигар навиштаҳое, ки дар мулҳақоти баъзе «Шоҳномаҳо» омадаанд, ба қаламии Фирдавсӣ тааллуқ надорад ва дуюм ба хубӣ мерасонад, ки ин исм аз қадим вуҷуд дошта ва афғонон «дар тӯли якуним ҳазор сол дар як ҷо (кӯҳҳои Сулаймон) зиндагӣ мекарданд» [6, 15].

Дар шарҳи реша ва иштиқоқи луғати «афғон» ё «авғон» низ тахмину назарҳо гуногунанд. Баъзе муҳаққиқон ақида доранд, ки ин калима решаи қадимии ориёӣ дошта, дар аввал «ағавон» буда ва баъдан «авғон» ва сипас «афғон» шудааст. Бино ба эҳтимолоти дигар калимаи «афғон» бо вожаҳои фағ, пағ, бағ, баг ҳамреша буда ва то имрӯз дар бисёр калимаҳо чун Пағмон, Бағлон, Бағшӯр ва дигарон боқӣ мондааст. Фағ, ба назари онҳо маънои сарвар, бузург ва ҳам бут ва маъбудро дошта, ҳамон решаест, ки дар калимаҳои фағфур (бағ-пур), фағвора, бағистон, беҳистон, Бестун, Бағдод ва монанди онҳо дида мешавад.

Бархе аз пажуҳишгарон ба забони арманӣ ишора кардаанд, ки вожаи «авғон» дар он забон маънои бошандагони кӯҳро дорад. Ақидае низ роиҷ аст, ки вожаи «афғон» аз арабӣ муштақ шуда, ки шакли «авғон» -и форсӣ буда ва ин ҳарду луғат дар забони ибрӣ ба кор бурда мешаванд. Чанде аз шарқшиносони Ғарб номи ин қавмро ба ду шакл: «ағавон» ва «авғон» зикр карда, муътақиданд, ки он муштақ аз вожаи «агавони» юнонист. Баъзе нависандагони шарқӣ калимаи «афғон»-ро ҷамъи лафзи «фиғон»-и арабӣ дониста, дар мавриди чунин ном гирифтани афғонҳо қиссаи ҷолибе нақл мекунанд. Аз ҷумла овардаанд, ки то замони Шоҳ Аббоси Сафавӣ луғати «афғон»нисбати ин қавму қабилаҳо бисёр кам ба кор бурда мешуд.

Вале аз он ҷо ки онҳо ҳамеша дар ҳолати нифоқ ва муноқиша қарор дошта, пайваста ба шоҳони замони худ аз ҳамдигар арзу шикоят мекарданд, билохира Шоҳ Аббос хаста шуда, фармон медиҳад, ки аз ин ба баъд ин қавмро фақат ба исми «афғон» ном баранд [4, 19].

Вале хулосаи донишмандон, ки дар ин маврид таҳқиқ ва ҷустуҷӯ кардаанд он аст, ки калимаи «афғон», чунон ки пештар ишора шуд, таърихи қадимӣ дошта дар ибтидо номи як қабилаи хос буда, ки шояд бар асари нуфузи сиёсӣ -иҷтимоӣ аввал барои қабилаҳои абдолӣ ва ғилҷоӣ, сипас барои соири қабоили паштун исми дувум ва баъд аз ҳудуди қабила берун шуда, номи умумии тамоми қабилаҳои паштуни сокини Афғонистон ва берун аз он гардидааст.Сипас тӯли як садсола (аз қарни XVIII то асриXIX) вусъати ин калима, яъне «афғон» ба ҷое расид, ки «номи умумии мардуми Афғонистон – аъам аз даризабону туркизабонон ва ғайра шинохта шуд» [7, 309].

Тавре мебинем, бо вуҷуди ҷустуҷӯ ва кӯшишҳои донишмандон, ки дар ин гуфтор мухтасари баъзеи онҳо оварда шуд, то ҳол ба монанди бисёр луғату истилоҳоти бостонӣ равшан маълум нест, ки кадом яке аз қабоили паштун «афғон» ном дошт ва маънои дурусти вожаи «авғон» ё «афғон» чист. Ба ҳар ҳол майдони пажуҳиш дар ин боб фаррох ва ҷои баҳс ҳанӯз боқист [8].

Санади дигаре, ки дар ин маврид метавон шоҳид овард, ин ҳамон достони мулҳақоти «Шоҳнома»-и чопи Бомбай (1897) аст, ки пештар аз он ёд шуд. Ин достони куҳан гувоҳи равшани он аст, ки қавми афғон таърихи қадимӣ дорад ва қиссаи корнамоиҳои яке аз паҳлавонони он тайи қарнҳоаз даҳон ба даҳон гузашта, то он ки шоири гумном онро дар қарни XIII ба риштаи назм даровардааст.

Дар бораи калимаи «Афғонистон» бояд гуфт, ки он ба маънои мамлакат, кишвар таърихи тӯлонӣ надорад. Аз рӯи иттилооте, ки дар даст аст, бори нахуст муаллифи «Таърихномаи Ҳирот» Сайфи Ҳиравӣ (а. XIII) ин калимаро ба маънои кӯчаки он, яъне ба маънои маҳал, ҷой, замин дар шакли Афғонистон ва камтар ба сурати Авғонистон ба кор бурдааст. Таърихнигориқарни XVI Муъинаддин Муҳаммад Замчии Исфизорӣ чандин бор ин луғатро ба маънои диёр, вилоят истифода кардааст, аз ҷумла: «Умаро гуфтанд, ки Исфизор ва Фароҳ ва Сиҷистон то ҳудуди Афғонистон аз тавобеи Ҳирот аст…». Ё дар ҷои дигар менависад: «Ҳукм кард, ки берлиғ навиштанд, ки мамлакати Ҳирот ва вилоёт аз ҳадди Ҷайҳун то ақсои Афғонистон бад-ӯ муфавваз гузоранд» [2, 30]. Дар осори таърихии дигари асрҳои миёна чун «Тузуки Темурӣ», «Матлаъ-ул-саъдайн»-и

Абдураззоқи Самарқандӣ, «Бобурнома», тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ ва баъди онҳо низ вожаи Афғонистон ба ҳамин маънии кӯчак истифода шудааст.

Сарнавишт ё роҳи тайкардаи ин луғат тайи қарнҳои минбаъда ҳамон роҳу масирест, ки калимаи «афғон» паймудааст. Дар аввал он маънои маҳалу ҷои зисти қабила ё қабоили хосеро дошта, сипас аз доираи қабилаҳои паштун хориҷ шуда, дар тӯли 600 сол ба номи тамоми сарзамини Афғонистони кунунӣ табдил ва ба ҷои калимаи Хуросони давраи исломӣ ва Ориёнои қабл аз ислом истифода гардида ва дар маҷмӯъ номи ҷузъест, ки бар кулл итлоқ шудааст.

То он ҷо ки маълум аст, генерали англис М.Элфинстон нахустин муаллифест, ки дар китоби маъруфи худ «Салтанати Кобул» (1815) калимаи «Афғонистон»-ро ба маънои васеи он – мамлакат ба кор бурда, онро бар вожаи Хуросон бартарӣ додааст. Дар мавриди интихоби вожаи “Афғонистон” ба ҷои Хуросон муаллиф чунин менависад: Дар замоне, ки ӯ китоби худро (Салтанати Кобул- Ғ.Қ.) ба поён мерасонад (1807-1810) афгонон ҳанӯз номи умумӣ барои кишвари хеш надоштанд. Мардум сарзамини худро “Хуросон” меномиданд ва гоҳе ҳам номи “Афғонистонро”-ро ба кор мебурданд, ки эҳтимолан сохтаи эрониён буд. Вале ба назари ӯ “возеҳ аст, ки ба кор бурдани ин ном (Хуросон) дуруст нест, зеро аз як сӯ тамоми сарзамини афғонон дар маҳдудаи Хуросон дохил нест ва аз сӯи дигар дар бахши муҳиме аз он иёлат афғонон сокин нестанд”[9, 158]. Аз ин рӯ ва ҳамчунин ба далели он ки агар ин луғат (Афғонистон) “ба кор равад барои мардуми ин сарзамин ноошно нест”, муаллиф луғати “Афғонистон”-ро барои ин сарзамин муносибтар мешуморад [9, 105]. Бо ин “фотеҳа”-и шарқшинос ва генералу дипломатии вожагузин номи Афғонистон ба тадриҷ дар мукотиботи дипломатӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва муоҳидоту паймонҳои байналмилалӣ низ ин луғат аз ҳамин давра маъмул гардидааст.

Ба ҳар ҳол ин калима фақат дар нимаи аввали садаи XIX умумият ёфта ва имрӯз ин сарзамини таърихии зебо ба номи Афғонистон машҳур аст.

**Адабиёт**


1. Короу О. Мирмуҳаммад Сиддиқи Фарҳанг. Афғонистон дар панҷ қарни ахир, ҷ.1, Теҳрон, 1358, -С.54
2. Аҳмади Ҷовид. Афғон ва Афғонистон, маҷ. Лмар, №12, Кобул, 1349, -С.32;29
3. Академик В.В. Бартольд. Сочинение, т.1, М, 1963-С.68
4. Ферре Ж.П. Таърихи афғонҳо (аз англисӣ баргардони д-р Лаълзод), Кобул, 1391, -С.18;19
5. Ҳудуд-ул-олам…(Таҳияи Зариф Шариф), Д., 2008, -С.47
6. Ляховский А.А. Трагедия и доблесть Афгана, Ярославль, 2004, -С.15
7. Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих, Кобул, 1346, -С.309
8. Ниг: Доиратулмаъорифи “Афғонистон”, ҷузви 12, Кобул, 1334; Абдулхай Хабибӣ, маҷ. Ориёно, №3, соли 27 ва маҷ. Кобул, ҷаддӣ, 1319; Муҳаммад Анвари Найр, маҷ. Ориёно, №257.
9. Элфинстон М. Афғонистон, ҷой, фарҳанг, нажод (тарҷумаи Муҳаммад Осафи Фурқат), Машҳад, 1376, -С. 158; 105



**КАДЫРОВ Г.**


## ИЗ ИСТОРИИ ТЕРМИНОВ «АФГАН» И «АФГАНИСТАН»


Об афганцах и их истории существует огромная литература. Однако эта литература написанная в разное время и на разных языках, доступна в основном специалистам-афганистам. Учитывая возрастающий интерес таджикских читателей к жизни соседних народов, имеющих с ними культурные корни и историческое прошлое, в настоящей статье рассматривается известные таджикскому читателю, но малознакомые ему в историко-лингвистическом плане термины «афган» и «Афганистан».



**Ключевые слова:** история, термин, афган, афганцы, Афганистан, Хорасан, культурные корни, лингвистика.

**KADIROV G.**

## ON THE HISTORY OF «AFGHAN» AND «AFGHANISTAN» TERMS

The historu of these term had been investigated by scholars.But taking into consideration the interest of the population of neibouring contry the author disusses the not well rhown historical background of them in the avticle.

**Key words:** history, ferm, afghan, Khorfsan, roots, linguistics